# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Дар сохти наҳвиёти забони адабии муосири тоҷикӣ сермаънoии ҷумлаҳои пайрав яке аз масъалаҳои мубрам ва дар айни ҳол мураккабу хеле душвор ба шумор меравад. Дар забон чунин ҳодисае мушоҳида мешавад, ки баъзан як муносибати наҳвӣ бо якчанд тарз (қолаб) баён мегардад ва гоҳе як тарзи ифода якчанд муносибати наҳвиро мефаҳмонад. Аз ҳамин ҷо ҳодисаи сермаъноӣ ва муродифоти наҳвӣ сар мезанад.

Аз ин лиҳоз, мубрамият ва муҳиммияти мавзуи илмии Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна “Сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ” дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиш ва таҳқиқи сермаънoии ҷумлаҳои пайрав, бо фарогири ду гурӯҳи асосии онҳо– ҷумлаҳои пайрави якузва-муайянкунанда, пуркунанда, мубтадо, хабар ва дуузва – ҷумлаҳои пайрави ҳол бо вуҷуди фарқи куллии маъноӣ умумияти зиёде байни ҳам зоҳир намудаанд. Дар ин миён забони адабиёти бадеӣ ҳамчун зуҳури забон дар нутқи нависанда ва қаҳрамонони асари бадеӣ, нишондиҳандаи махсусиятҳои забони забони тоҷикӣ тамоми нозукиҳои имконпазири зоҳиршавии забонро инъикос мекунанд. Омӯзиши сермаънoии ҷумлаҳои пайрав дар асоси маводи осори бадеӣ имконият медиҳад, ки ҳодисаи сермаъноӣ дар ҳама навъҳои ҷумлаи пайрав: пайвандакҳои тобеъкунанда, алалхусус, пайвандакҳои муштараквазифа (ки, то, чун), калимаю таркиб ва ибораҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, муносибатҳои маънои асосӣ ва иловагӣ, вижагиҳои оҳанги гӯйиш ва ҷойи сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрав ошкор карда шавад.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии мавзуи сермаъноӣ дар ҷумлаҳои пайрав асолат ва мубрамияти пажуҳиши мазкурро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси илмии **10.02.01 – Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат мекунад.**

Таҳқиқи мазкур дар радифи таълифоти як силсила мақолаву рисолаҳои муҳаққиқони соҳа қарор гирифта, раванди ташаккул ва густариши ҷумлаҳои мураккаби тобеъро бо ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва дар забони адабии муосири тоҷикӣ собит месозад.

Аз таҳлилу таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомёфта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ пажуҳиши комил анҷом дода нашудааст.

Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи таҳқиқу баррасии масъалаи сермаъношавии ҷумлаҳои пайравро дар асоси маводи осори бадеӣ мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Ба риштаи таҳқиқ кашидани мавзуи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав, воситаҳо ва омилҳои сар задани чунин ҳодисаи наҳвӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки аз ҷараёни инкишоф ва ташаккули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар давраҳои гуногуни таърихӣ огоҳӣ пайдо кунад.

Ҳамчунин вазифаи дигари таҳқиқ муайян намудани тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави якузва, ки гурӯҳи махсуси ҷумлаҳои мураккаби тобеъро ташкил дода, бар эзоҳи аъзои ҷудогонаи сарҷумла меоянд, фарқ мекунанд. Тобишҳои маънои иловагии онҳо аксар сабаби омехта карда шуданашон бо ҷумлаҳои пайрави дуузва мегардад. Худи табиати забон ва вазъияти нутқ боиси он мегардад, ки маъноҳои ҷумлаи пайрав вобаста ба ин вазъият фаҳмида шаванд. Дар ин замина унвонҷӯй меъёрҳои таснифот, ба мисли пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, ҷойи ҷумлаҳои пайрав, мутобиқати шаклҳои феълӣ– хабарҳо, нишондиҳандаи навъи ҷумлаи пайрави будани онҳоро муайян намудааст.

Унвонҷӯй Абдураҳмонова М.А.дар таҳқиқи мазкур навгонии мушаххасро дар раванди пажуҳиш пайгирӣ намуда, кушиш кардааст,ки сермаъноии ҷумлаҳои пайравро бо фарогири ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва муайян намоянд. Нуктаи дигари навгонии таҳқиқ дар он аст, ки маводи фаровон барои муайян кардани ҳодисаи сермаъноӣ дар чумлаҳои пайрав таҳлил шуда, омилҳо ва роҳу воситаҳои сар задани онҳо дар қолабҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баррасӣ гардидааст. Инчунин дар диссертатсия таҳқиқи тобишҳои маъноии синтаксисӣ ва семантикии ҷумлаҳои пайрав ва фарқи онҳо бори аввал таҳлилу баррасии густурда шуда, дар ҷараёни таълифи диссертатсия хусусиятҳои маъноӣ дар доираи як ҷумлаи пайрав ба амал омадани тобиши семантикӣ ва дар ҳар як навъи чумлаи пайрав маъно дар сатҳ ва зинаҳои гуногун зоҳир шудани он, инчунин фарқи он аз тобиши наҳвӣ , ки он монанд кардани як навъи ҷумлаи пайрав бо ҷумлаи пайрави дигар аст, муайян карда шавад.

Аҳаммият ва арзиши илмию назариявии таҳқиқи Абдураҳмонова М.А. дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад дар муайян намудани ҳадду ҳудуди саҳеҳу дурусти ҷумлаҳои пайрав, воситаҳо ва омилҳои сермаъношавии онҳо ҳамчун дастур истифода шавад. Ҳамзамон хулосаҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқ ба сифати маводи илмӣ ва заминаҳои назариву методологӣ дар таҳқиқи минбаъдаи ҷумлаҳои мураккки тобеъ истифода шавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд дар муайян намудани меъёри дурусти таснифоти ҷумлаҳои пайрав дар забоншиносии тоҷик замина гузорад. Инчунин маводҳои ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳлили он барои истифода дар масъалаҳои назария ва амалияи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мусоидат намуда, бахусус, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ маводи муҳим медиҳад. Хулосаҳои илмии таҳқиқ барои дарки дурусти қолабҳои сохторӣ ва маъноии ҷумлаи

мураккаби тобеъ ва бартараф намудани баъзе иштибоҳҳо дар муайян намудани навъҳои ҷумлаи пайрав имконият медиҳанд.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Ин нукта дар он ифода ёфтааст, ки ҳодисаи сермаъноии гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави якузва ва дуузва , омилҳо ва роҳу воситаҳои ба вуҷуд омадани он дар пояи омӯзиши сарчашмаҳои илмии давраҳои гуногун ва баҳсу андешаҳои дар атрофи он ба миён омада ва ниҳоят хулосаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои муаллиф дар ин хусус рӯи кор омадааст. Ҳамзамон ба меъёри таснифоти чумлаҳои пайрав робитаи ногусастанӣ доштани мавзуи мазкур ва сабабҳои ба миён омадани фикру ақидаҳои гуногун дар давраҳои омӯзиши он аз ҷониби муҳаққик ҳаллу фасл гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, бобу зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст ва ҳаҷму мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй аст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади *назарӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд.*

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **28 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 15 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои чопшуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ **мувофиқ мебошанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода ёфтани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо собит мекунанд.

Хулоса , диссертатсияи Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна дар мавзуи «Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав дар забони адабии муосири тоҷикӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ( қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 202, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертасия (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ҷавобгу буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ, доктори илмҳои
филологӣ, профессори кафедраи таърихи
забон ва типологияи факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хоҷаев Давлатбек

Суроға: 7340067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навбаҳор, 773
Телефон: 98-555-84-38
4- уми марти соли 2025

Имзои Хоҷаев Давлатбекро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992- 37) 221- 62- 25; факс: 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj.

4-уми марти соли 2025